**Хулосаи**

комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-064 дар назди Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (АИКТ) оид ба диссертатсияи Разоқова Фотима Сафармадовна дар мавзӯи "Таҳқиқи ирсияти аломатҳои арзишноку хоҷагидории дурагаҳои дохилинамудии намунаҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дури пахтаи миёнанах" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 - Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ.

Таҳқиқоти диссертатсионии Разоқова Фотима Сафармадовна дар мавзӯи "Таҳқиқи ирсияти аломатҳои арзишноку хоҷагидории дурагаҳои дохилинамудии намунаҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дури пахтаи миёнанах" муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии ба анҷом расида дониста шуда, дорои ҳалли масъалаи аҳамияти соҳавӣ дошта ба шумор меравад. Мавзӯи таҳқиқотии диссертатсиони аз таҳқиқи ирсияти аломатҳои арзишноки хоҷагидории дурагаҳои дохилинамудӣ аз намунаҳои нави аз нигоҳи ҷуғрофӣ дури пахтаи миёнанах алалхусус ба ирсияти аломатҳои арзишноки хоҷагидории дурагаҳои дохили намудии $F_1$ ва $F_2$, ки дар мавриди дурагакунии навъҳои ватании серҳосили пахтаи миёнанах бо намунаҳои ҷуғрофӣ дур ба даст оварда шуда бо аломатҳои арзишноки селексионӣ тавсиф меёбад, таҳқиқ карда шудааст.

**Муҳимияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар шароити кунунӣ пахтапарварӣ яке аз соҳаҳои муҳими кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад ва рушди минбаъдаи он аҳамияти зиёд дорад. Афзун гардидани истеҳсоли умумии пахта ва баланд бардоштани ҳосилнокии он бо истифодаи навъҳои нав ва дурагаҳои он талаботи истеҳсолоти кишоварзӣ ва саноати нассоҷӣ мебошад. Зеро муҳимтарин омили баланд бардоштани ҳосилнокии пахта доштани навъҳои устувору серҳосил ва дурагаҳои гетерозисӣ бо иқтидори баланди ҳосилнокӣ ва сифати нах мебошад. Бинобар ин, таҳқиқ ва ба даст овардани аломатҳои арзишноку хоҷагидории дурагаҳои дохилинамудии намунаҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дури пахта аҳамияти илмию амалӣ дошта, муҳиммияти кори диссертатсионии мазкурро ташкил менамояд.

**Навгонии илмӣ.** Таҳқиқот дар солҳои 2014-2017 гузаронида шуда, бори аввал дар шароити Тоҷикистони Марказӣ ирсияти аломатҳои арзишноки хоҷагидории дуругаҳои $F_1$ ва $F_2$ аз дурагакунии навъҳои маҳаллии серҳосил бо намунаҳои нави аз нигоҳи ҷуғрофӣ дур, ки ҳамчунин аломатҳои арзишноки селексиониро соҳибанд, таҳқиқ карда шудааст. Ба ғайр аз ин, коэффитсиенти ирсияти дуругаҳои $F_1$ ва $F_2$ аломатҳои аз нигоҳи селексионӣ арзишноки хоҷагидорӣ, морфологӣ ва физиологӣ муайян карда шудааст.

**Аҳамияти амалӣ ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот.** Зоҳир намудани коэффитсиентҳои ирсияти аломатҳои арзишноки хоҷагидории морфологӣ ва физиологӣ барои селексияи назариявӣ ва амалӣ моҳияти муҳим доранд. Коэффитсиентҳои ирсият нисбат ба ин ё дигар аломатҳо ва дар ҳама популятсияҳо нишондоди дақиқи самарабахши интихобро медиҳад, ки ба селексионер имкони муайян намудани сермаҳсулии интихобро фароҳам меорад. Ба ғайр аз ин, хусусияти ба ирсиятгирӣ ва коэффитсиентҳоро дар мавриди дуругакунӣ ҳангоми интихоби намунаҳои волидайнӣ ба назар гирифтан зарур аст.

**Саҳми муаллиф барои иҷрои диссертатсия.** Дар диссертатсияи барои дифоъ пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллиф аз омӯзиши минбаъдаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсионӣ, гузаронидани таҳқиқоти саҳроӣ ва озмоишгоҳӣ, интихоби намуд ва навъҳои пахта, ҷамъбасти маводҳои таҷрибаҳои саҳроӣ, коркарди оморӣ, татбиқи натиҷаҳои бадастоварда иборат мебошад.

Ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот, таҳия ва чопи маводҳои илмӣ, омода намудани диссертатсия ва автореферат барои ҳимоя иборат аст.

Диссертатсияи Разоқова Фотима Сафармадовна дар мавзуи “Таҳқиқи ирсияти аломатҳои арзишноку хоҷагидории дурагаҳои дохилинамудии намунаҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дури пахтаи миёнанах” новобаста ба он, ки баъзе ғалатҳои ба осонӣ ислоҳшавандаи имлоӣ ва услубӣ дорад, пурра ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Ташхиси аввалияи диссертатасия дар Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон гузаронида шуда, натиҷаи он дар ҷаласаи байни шуъбаҳо ва озмоишгоҳҳои институт муҳокима гаштааст (протоколи №5 аз 05.10.2022) .

Хулоса мусбат буда, ба кори илмӣ баҳои объективӣ дода шудааст. Кори диссертатсионии мазкур ба талаботи бандҳои 31,32 ва 33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Он кори илман асосноки ба итмомрасида ҳисобида шуда, дорои ҳалли масъалаҳои аҳамияти соҳавӣ дошта ба шумор меравад. Натиҷаҳои асосӣ ва муқарраротӣ кори пешниҳодгардида дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ба ҳайати олимон ва кормандони илмии Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (солҳои 2014-2017) пешниҳод гардида, қобили дастгирӣ шудаанд.

Мавзуъ ва мазмуни кори диссертатсионии Разоқова Фотима Сафармадовна аз рӯйи шиносномаи ихтисоси 06.01.05 - Селексия ва

тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ, инчунин ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи илмӣ дода мешавад ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.10.2022 фармоиши №237/шд, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат мекунад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешавад ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми ноябри соли 2021, таҳти №9 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои илмии бадастомада, хулоса ва пешниҳодҳои кори диссертатсионӣ дар 17 мақолаҳои илмии муаллиф, аз ҷумла 7-мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гаштаанд. Шумораи маводҳои чопии муаллиф ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” мувофиқат мекунад. Ҳангоми таҳияи кори диссертатсионӣ оид ба истифодаи сарчашмаҳо ва дигар маводҳои илмӣ бо нишондоди манбаи ба дастоварда риоя карда шудааст.

Кори диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои пайдарҳамӣ ва натиҷаҳои нави илмии ба талаботи ҳимоя ҷавогӯ мебошад, ки аз саҳми муаллифи кори диссертатсионӣ дар илм шаҳодат медиҳад.

Комиссияи ташхис дар асоси банди 62-63-и Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Разоқова Фотима Сафармадовна дар дар мавзуи “Таҳқиқи ирсияти аломатҳои арзишноку хоҷагидории дурагаҳои дохилинамудии намунаҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дури пахтаи миёнанах” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 - Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-064-и назди Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхисӣ Шурои диссертатсионӣ муқарризони расмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия шахсони мазкур таъйин карда шаванд:

- **Алимуродов Абдузоҳид Султонович** – доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи биохимияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- **Ҳайдаров Зикриёхон Ёқубович** – номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи пахтапарварӣ, генетика, селексия ва тухмипарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.

3. **Ба ҳайси муассисаи пешбар** - Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 06 декабри соли 2023, соати $14^{00}$ муқаррар карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои кишоварзӣ,
узви вобастаи АИКТ, профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ — Саидзода С. Т.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои биологӣ,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Абдураҳмонов Н. А.

Номзади илмҳои кишоварзӣ — Кароматов Ш.Ш.

Имзои Саидзода С.Т.- ро тасдиқ менамоям:
сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва
кадрҳои ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур — Абдуҳалимзода Н.А.

Имзои Абдураҳмонов Н. А.- ро тасдиқ менамоям:
нозири кадрҳои Институти зироаткории АИКТ — Сайнизоми Б

Имзои Кароматов Ш.Ш.-ро тасдиқ менамоям:
нозири кадрҳои Маркази миллии
захираҳои генетикии АИКТ — Миҷгонаи Муҳиддин

23.09.2023